Таърихи зиндагии инсони гувохи он аст, ки дар хамаи давру замон ќишри пешрави чомеа – равшанфикрону зиёиён барои сохтани давлат ва чомеаи адолатпарвар, озодихох, инсонгаро, мардумсолор ва хувиятсоз бо нерухои мухофизакор, истибдоди ва аќибмонда шадидан мубориза бурда, дар ин рохи муќаддас ва ифтихорманд чонбозихо кардаанд.

Албатта, масири муборизот дар хавзахои сиёсию мадании башари якранг ва муштарак нест ва тарзу шеваи ибтикороти сиёси, фарханги, фикри ва ичтимоии равшангарон тайи таърихи инсони, бо назардошти шароиту вазъ мутафовит аст.

Мусаллам аст, ки зиёиён ва равшанфикрон бо чахолат, хурофот, таассуб, суннаписанди ва вопасгаройи, ки умдатан, бо иртичоъпарасти ва мухофизакори тавъаманд (иртичойи --вежагии он ки ба ќавонин ва суннатхои гузашта пойбанд аст ва бо дигаргуни ва пешрафти чомеа мухолифат мекунад, дар чихати хифзи вазъи гузашта мекӯшад ва бар зидди низому усули нав ва мутараќќи талош меварзад – ниг.: Анвари Хасан. Фарханги кучаки Сухан. Ба сарпарастии Хасан Анвари. -Техрон: Сухан, 1383.-С.45; мухофизакор – он ки тарафдори аќоид ва суннатхои кӯхна ва мухолифи таѓйиру дигаргуни аст – ниг.: Анвари Хасан. Фарханги кучаки Сухан. Ба сарпарастии Хасан Анвари.-Техрон: Сухан, 1383.-С.925), хамвора дар муборизаву муќовимати шадид карор гирифта, умдатан, алайхи хурофотиёну мутаассибон мешӯранд. Ин шӯришу муќовимати хадафмандона хатти машши зиёиро аз табаќоти дигари ичтимои чудо мекунад. Роху масири харакати зиёи дар хар давру замоне муайян ва мушаххас аст: халли мушкилот ва масоили фикри, аќидати, ичтимои, фарханги ва сиёсии чомеа ва дар зимн, огох кардани чомеа аз хатар ва вабои доимо тахдидкунанда – хурофоту таассуби диниву дунявӣ. Дар ин амр зиёи бо гарави чон рисолати ичтимои, фикри ва дар мачмӯъ, инсониашро сомон медихад.

Мубориза боартишибузурги хурофотию ифротгаро чабхаи муборизаи зиёиёни асили миллиро, чи дар гузашта ва чи дар шароити феъли ташкил дода ва медихад. Дар асрхои миёна хавзахои дарсии файласуфони мутафаккирони миллӣ боиси огохмандии баъзе

табакоти ичтимоӣ ва як идда насли чавони чомеа гардида буд, вале мухитхои мадраси, ки дар онхо улуми дуняви (фалсафа, таърих, адабиёт, табииёт, риёзиёт, хандаса, нучум, чуғрофиё, кимиё ва амсоли инхо) тадрис мешуданд, мавриди тахочуми сиёси, мафкурави ва хатто физикии хушкандешони мазхаби ќарор мегирифтанд ва тахдиду фишори амиќ болои тоифаи ба истилох, файласуфону хакимон, ки дар ќолаби зиёиёну бузургони милли инсичом меёбанд, чидди мушохида мешуд. Эътирозоту интиќодоти бузургони асримиёнагии милли, мисли Рӯдаки, Даќиќи, Фирдавси, Ибни Сино, Носири Хусрав, Сухраварди, Мавлоно Чалолуддини Балхи, Саъди, Хофиз ва дигарон, ки алайхи хушкандешии мазхаби сурат гирифта, фиребу найранги ононро рӯйирост фош месохтанд, намунаи боризи муборизаи зиёиёни бумӣ дар таърихи милли махсуб меёбад. Бузургони милли дар таърих мисоли зиндаи шахсиятхои мубориз алайхи беадолатихои ичтимои ва дини-мазхаби буданд ва хастанд, ки хеч гох нагузошта ва намегузоранд, ки ниходи чахолатписанд ормонхои милли ва мардумиро зери по кунад ва рохи тараќќиёту рушди инсониро бо муште хурофоту таассуби мазхаби бубандад. Ба сухани дигар, харакати зиёигарии миллӣ дар асрхои миёна бо селаи хурофотиёни дини-мазхаби муќовимат карданд ва тавассути пофишорихои илми ва фарханги ичоза надоданд, ки рӯхи илму дониш ва огохи шикаста гардад.

Мутаассифона, имрӯз зухуроти хашини тундгаройии динӣ ва мазхабӣ бо шаклу колибхои нав давлат ва чомеахои миллиро тахдид мекунад. Мухаќќиќон бар ин назаранд, ки зухуроти номатлуб ва хашини бунёдгаройи (фундаментализм), тундгаройи (радикализм), ифротгаройи(экстремизм) ва дахшатафкани(терроризм) дар махрумиятхои фикри, ичтимои, иќтисоди ва фарханги реша дошта, ќишрхои камфаъол ва камзарфияти ичтимои ба ин гурӯххо шомил мегарданд ва дар натича, миёни чомеа, бахусус ќишрхои осебпазири ичтимои зӯроварию хучум, истибдод ва хушунаттавлид мекунанд. Аз ин рӯ, дар кишвархои Шарќи мусулмони бештар масоили махрумиятхо ва нобаробарихои ичтимои, иќтисоди, фикри ва моддию маънави матраханд ва бар мабнои он нафрату бадбини ва ифротгаройии дини-мазхаби дар чомеа ташаннуч пайдо мекунад. Мафкураи истеъмории дини-мазхаби дар чавомеи суннати хурофот ва таассубро барангехта, ба ин васила зехнсозихои дини матрах ва мутадовил мегарданд. Зехнсозихои дини-мазхаби (ин гуна зехнсозихо, одатан бар мабнои бадбинию зӯроварихои ичтимои сохта шуда, таассуб-фанатизми дини-мазхабиро дар шакли шадид ва тундутез ривоч медиханд) тадричан вусъат намуда, пахнои ичтимоъро фаро мегиранд ва дар шакли терроркои аќидати (мафкурави) ва чисмони буруз мекунанд. Мушкил инчост, ки минбаъд бадбинию танофури дини-мазхаби дар чомеа зехнсозӣ мешавад ва бинишхои мардум ва табакоти ичтимоиро шакл медихад. Бо мурури замон ин навъи бинишхои хурофоти ва таассубӣ доираи нуфузро тавсеа мебахшанд ва аз як табака ба табакаи дигари ичтимоӣ интиќол меёбанд.

Дар зимн, ифротгаройи ё ба истилох экстремизм дар шароити феълии чахонишави ва ташаннучи бархӯрдхои дини-мазхаби ва сиёсию тамаддуни ба як анъанаи нописанд ва хушунатбор табдил ёфта, дар кунчу канори сайёраи замин, махсусан манотиќи гуногуни

Шарќи мусулмони нооромию бесуботии сиёси, ичтимои, иќтисоди ва фархангиро ба дунбол меоварад. Аммо ин нукта, аслан абарќудратони чахониро ба ташвиш намеоварад, баръакс, тибќи хохиш ва тарххои сохтаи онхо рохандози мешавад ва натичатан, ба коми онхо анчом мепазирад. Дар ин замина, як нуктаро таъкид кардан хукми зарурат аст: ќудратхои бузурги сиёси хамеша ба чомеахое иртибот мегиранд ва тарххои сиёси рохандози менамоянд, ки зарфиятхои тангу махдуди ичтимои, сиёси, фарханги, маърифати ва иќтисоди дошта, дастнигари дигаронанд. Ба сухани дигар, чомеахое, ки ба гирдоби хурофту таассуби суннати ва дакиктараш, «чахли мураккаб» гирифторанд, аз назари равони, ахлоќи, фарханги, сиёси сахт осебпазир буда, бо вазиши муќаррарии боди хангомаю тавтеа вахшонияташонро буруз мекунанд ва дар пайи дахшат овардан, тахриб сохтан ва мутазалзил кардани давлатхо ва чомеахо гом бармедоранд.

Пурсиши ин ки “Чаро фундаментализм, терроризм, экстремизм ва радикализми дини дар кишвархои Шарќи мусулмони реша давонда истодааст?”, метавонад посуххои мухталиф дошта бошад. Агар, аз як тараф, баъзе кудратхои чахони, ба хотири бароварда сохтани ниёзхои сиёсию иктисодӣ аз гурӯххои террористӣ ба сифати бизнеси мувофиќ ва сердаромад корбаст кунанд, аз чониби дигар,аксари мусулмонони дунё аз назари огахи ва иттилоъ, маърифат ва биниш аќибмонда буда, донишу чахоншиносии онхо бештар рӯйи эхсосу тасаввурот ќарор дорад. Ва, азбаски аксарияти чомеахои Шарки мусулмонӣ зарфиятхои махдуди ичтимоӣ, иктисодӣ, фикрӣ ва эчодӣ доранд, голибан тахти таъсири акидатии созмону гурӯххои тундрави мазхабӣ карор мегиранд ва дар бунбасти маънавӣ ба сар мебаранд. Аз ин чост, ки дар сурати бурузи интиќодоти фикрию акидатӣ, ки ба он ханӯз чидди одат накардаанд, хассосият ва вокуниши шадид нишон медиханд. Ба ин далел, нахуст бояд механизмхои чалби чомеахои акибмонда ва вопасгароро ба низомхои сиёсии дунявӣ чустучӯ ва пайдо кард. Танхо дар сурати ворид гардидани чомеахои баста ва консервативӣ ба мухитхои муътадилу бози ичтимоӣ, эчоди ва фарханги мушкилоти бурузи шадиди хассосияту эхсосоти контролнашавандаи мазхабиро кохиш медихад ва рохи ташаккул ва рушди тафаккури интикодиро, ки бар мабнои истиклоли фикрию эчодӣ зухур мекунад, хамвор месозад.

Шароити муосири сиёсӣ ва геополитикӣ аз насли зиёиёни асили точик масъулиятмандӣ ва кори фаъоли шабонарӯзиро таќозо менамояд, то сатхи хатархои минтакавӣ ва глобалие, назири ифротгаройӣ, тундгаройӣ ва дахшатафкании дини-мазхаби, ки чомеаи чахониро ба ташвиш овардааст, кохиш ёбад ва таваххуми он баданахои ичтимоиро сирояти накунад. Махсусан, дар шароити давлатсозии миллӣ масъулияти зиёии точик бештар мегардад, чаро ки душманони мафкуравӣ ва фурсатталабони дохилию хоричӣ бар он талош меварзанд, ки чомеаи точикро дар холи карахтии фикрӣ ва бунбастхои акидатӣ нигох доранд. Табакаи зиёӣ бошад, дар хамкории пайваста бо ниходхои марбутаи давлатӣ ва пуштибонии ичтимоӣ чомеаро аз дарун тагйири сифатӣ медихад ва ба пеш – ба сӯйи амалӣ сохтани ормонхои миллӣ рахнамоӣ мекунад. Аз ин лихоз, гузаштан аз назария ба амалия сархадафи кори равшанфикри дар шароити феъли мебошад. Он чи ки гуфта мешавад ва тарѓиб мегардад (манзур шиорзани ва

назарияпардозии хушку холии як идда зиёиён аст), бояд сараввал дар зиндагии шахсии худи мо, амалан татбиќ гардад. Дар холе ки мо, аксаран аз марзи назарияпардозӣ ба сархадди амалиягарой по наниходаем, мароми таѓйироти сифатии чомеа зери суол мемонад. Кор кардан бо чомеа, омӯзиши хаматарафаи афкори ичтимои, мушохида, тачриба, дарёфти механизмхои фаъолсозии ичтимои, коркарди гузинахо (алтернатива)-и гуногун чихати халли мушкилоти ичтимои, фикри, фарханги, равони, ахлоќи, сиёси-мафкурави силсилаи тадбирхоеанд, ки бояд дар сархатти барномахои фикрӣ, эчодӣ, хунарӣ ва мадании ахли зиё ва фарханги кишвар карор дошта бошанд.

Н. Нуров,

устоди ДДФСТ ба номи М. Турсунзода

душанбе, 25 ноябри соли 2019, соати 17:33